МАРКАЗИ ЗАХИРАВИИ МУҲОҶИРОН | MIGRANT RESOURCE CENTRE

# ҶОИЗАИ MIGRATION MEDIA AWARDS (MMA) 2024

## Душанбе, Тоҷикистон

**18 декабри соли 2024**

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази байналмилалии рушди сиёсати муҳоҷират (ICMPD) қабули дархостҳоро барои иштирок дар ҷоизаҳои Migration Media Awards (Ҷоиза дар самти муҳоҷират барои кормандони ВАО) 2024, бахшида ба Рӯзи байналмилалии муҳоҷирон( 18 декабр) барои соли 2024 эълон мекунанд.

**Муҳтавои номзадҳо аз рӯи меъёрҳои зерин баҳо дода мешаванд:**

1. **Саҳми барҷаста дар инъикос ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа оид ба масъалаҳои муҳоҷират аз/ба Тоҷикистон.**
2. **Садоқат ва ҳавасмандӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва некӯаҳволии шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа ва/ё оилаҳои онҳо дар Тоҷикистон.**
3. **Дастовардҳои назаррас дар тарғиби симои мусбати шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷа, инчунин робитаи муҳоҷират ва рушд.**
4. **Муҳтаво бояд эҷодкорона, аслӣ ва навоварона бошад. Муҳтавои эҷодкорона, аслӣ ва навоварона, ки ба муҳоҷирати бехатар, қонунӣ ва ботартиб мусоидат менамояд. Мавзуъҳое, ки бояд дар корҳои пешниҳодшуда баррасӣ шаванд: эмигратсия ва иммигратсия, муҳоҷирати меҳнатӣ, муҳоҷирати дохилӣ, муҳоҷирати қонунӣ, занон ва муҳоҷират, имконоти муҳоҷирати бехатар, мушкилоти муҳоҷират, хатарҳои муҳоҷирати ғайриқонунӣ, имкониятҳои муҳоҷират, таърихи муваффақияти муҳоҷирон, бозгашт ва реинтегратсия, интиқолҳои пулӣ, оилаҳо ва фарзандони муҳоҷирон, диаспораҳо ва ҷомеаҳои муҳоҷирон дар хориҷа, инчунин ҳама гуна мавзӯъҳои марбут ба муҳоҷират.**

## НОМЗАДҲО:

Ҳар як шахс ё созмоне, ки дар Тоҷикистон ва ё хориҷи кишвар воқеъ аст, метавонад ба ҷоиза ҳама гуна кори ВАО, агентии соҳибихтисос/ташкилоти дар Тоҷикистон сабтиномшуда ё ашхоси алоҳидаро пешбарӣ кунад. Номзад метавонад дар як категория зиёда аз як дархост/номзад пешниҳод намояд. **Дар озмун ҳамаи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар Тоҷикистон ва/ё берун аз он зиндагӣ мекунанд, новобаста аз синну сол, ҷинс ва нажод иштирок карда метавонанд.**

**Ҳама пешниҳодҳо бояд муҳтавои дар ВАО нашршуда ё дастовардҳои номзадҳо, ки дар давраи аз 1 июли соли 2022 то 30 сентябри соли 2024 амалӣ шудаанд, бошанд.**

- Ҳуҷҷатҳои зерин бояд пешниҳод шаванд:
  - Шакли пешниҳоди номзадро метавонед, аз саҳифаҳои мо дар шабакаҳои иҷтимоии FB, Instagram ва Telegram боргирӣ намоед.
  - Маълумоти мухатасар дар ҳаҷми 200 калима оид ба саҳми барҷастаи номзад дар соҳаи муҳоҷират бо нишон додани линкҳо ба корҳои марбута ( мақолаҳо, суратҳо хабарҳо, наворҳо, филмҳои мустанад, влогҳо, блогҳо, роликҳои тарғиботӣ ва ғайра).
  - Ҳама гуна ҳуҷҷатҳои дигари тасдиқкунанда, аз қабили эътирофномаҳои расмӣ, ҷоизаҳо, дигар маводҳо дар ВАО ва ғайра
  - Ҳамаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда бояд ба забони тоҷикӣ ё русӣ бошанд. Маводҳо ба забони англисӣ низ қабул карда мешаванд (бо субтитрҳо дар ҷойҳои зарурӣ).

Funded by
the European Union

PROTECT
IMPROVING MIGRATION MANAGEMENT AND MIGRANT PROTECTION
in selected Silk Routes and Central Asian Countries

Implemented by
ICMPD
International Centre for Migration Policy Development

## КАТЕГОРИЯҲОИ ҶОИЗАҲОИ MEDIA MIGRATION*:

1. **Ҷоиза дар соҳаи журналистикаи чопӣ: - беҳтарин нашрияи чопӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират**
   a. Беҳтарин маҷалла/рӯзнома/бюллетен дар бораи муҳоҷират
   b. Беҳтарин китоб дар бораи муҳоҷират
2. **Ҷоизаи радиожурналистӣ:- радиобарномаи беҳтарин дар масъалаи муҳоҷират**
   a. Беҳтарин барномаи радиоии мунтазам дар бораи муҳоҷират
   b. Беҳтарин барномаи радио, ки мавзӯъ/масъала/рӯйдодҳои марбут ба муҳоҷиратро фаро гирифтааст (эпизодӣ)
   c. Беҳтарин подкастҳо дар бораи муҳоҷират
3. **Ҷоизаи журналистикаи телевизионӣ – беҳтарин барномаи телевизионӣ (ток-шоу, таҳқиқоти журналистӣ, барномаи махсус, сериалҳои телевизионӣ ё филми мустанад) оид ба масъалаҳои муҳоҷират**
   a. Беҳтарин барномаи телевизионии доимӣ дар бораи муҳоҷират
   b. Беҳтарин барномаи телевизионӣ бахшида ба мавзӯъ/мушкилот/ҳодисаи марбут ба муҳоҷират
   c. Бехтарин сериали телевизионӣ бахшида ба мавзуъ/мушкилот/ходисаи марбут ба мухочират
   d. Бехтарин сериал дар бораи мухочират

Пас аз эълони натиҷа ICMPD ва ВММША ҶТ ҳуқуқ доранд, ки сабтҳои ғолибро барои таблиғ ва ҳама гуна фаъолиятҳои расмии марбут ба муҳоҷират, пешбарӣ ё пахш кунанд.

4. **Ҷоиза барои филм – беҳтарин филмҳо ва наворҳо (филми пурра ё мустанад) бахшида ба масъалаҳои муҳоҷират**
   a. Филми беҳтарин
   b. Беҳтарин филми мустанад
   c. Беҳтарин филми кутох
5. **Ҷоизаи шабакаҳои иҷтимоӣ – беҳтарин нашрияҳо дар Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират**
   a. Сомонаи беҳтарин
   b. Блоги беҳтарин
   c. Влоги беҳтарин
6. **Фотожурналистика**
   a. Беҳтарин намунаи фотожурналистика, ки қиссаҳо, мушкилот, имкониятҳо ва дигар маълумотро дар бораи муҳоҷират нақл мекунад

* Созмондиҳандагон ҳуқуқ доранд, ки вобаста ба миқдор ва сифати сабтҳо, номинатсияҳо ё пешниҳодҳо ҷоизаҳоро дар ҳама категорияҳо надиҳанд.

**Лутфан мунтазам саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоии моро барои гирфитани хабарҳои охирин тафтиш кунед**

## ЧАҲОРЧУБАИ ВАҚТ

Ҳама пешниҳодҳо бояд муҳтавои ВАО ё дастовардҳои номзадҳо бошанд, ки аз **1 июли соли 2022 то 30 сентябри соли 2024** таҳия/нашр шудаанд. Мӯҳлати ниҳоии ирсоли дархост **15 октябри соли 2024** мебошад.

Номзадҳо аз ҷониби Кумитаи Ҷоизаҳои ММА, ки аз намояндагони ташкилотҳои зерин иборатанд, интихоб ва арзёбӣ карда мешаванд:

- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ
- Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон
- ICMPD
- Доварон ва коршиносони холис

Барои иштирок дар ҷоиза иштирокчиён бояд варақаи дархостро пур кунанд ва маводи заруриро тавассути почтаи электронӣ ба info@mrc-tajikistan.org пешниҳод кунанд.

Дархостҳои ғолиб на дертар аз **1 декабри соли 2024** эълон карда мешаванд. Маросими ҷоизасупорӣ **18 декабри соли 2024** баргузор мегардад.

Funded by
the European Union

PROTECT
IMPROVING MIGRATION MANAGEMENT AND MIGRANT PROTECTION
in selected Silk Routes and Central Asian Countries

Implemented by
ICMPD
International Centre for Migration Policy Development